## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

Таҳқиқоти илмии Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика, фаъолияти судӣ-экспертӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мансуб мебошад. Диссертатсия дар доираи талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, пурра мутобиқати ҳуқуқӣ ва меъёрии давлатии талаботи академиро таъмин менамояд.

Дар замони муосир, болоравии низоъҳои сиёсӣ ва идеологӣ бо шиддат идома дорад, ки ин раванд ба вазъи ҷиноятқорӣ низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҷиноятқорӣ имрӯз шаклҳои гуногун пайдо намуда, хусусиятҳои нави хатарнокро ба худ гирифтааст ва ин омил мубориза бо он ва таъмини амнияти ҷомеаро мураккаб мекунад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад, ки дар солҳои охир афзоиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба назар мерасад. Ин ҷиноятҳо асосан бар заминаи таҳаммулнопазирии динӣ, миллӣ ва ғоявӣ содир мешаванд ва онҳо бевосита ба амнияти давлат, суботи сиёсӣ ва осоиши ҷомеа таҳдид менамоянд.

Ҳамзамон, шаклҳои зуҳури экстремизм сол ба сол бештар мураккаб гардида, аксар вақт бо истифодаи технологияҳои муосир, аз ҷумла воситаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, тақвият меёбанд. Ин ҳолат фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар самти ошкорсозӣ, пешгирӣ ва

тафтиши чунин ҷиноятҳо душвор месозад ва зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ-амалӣ оид ба муайян кардани нишонаҳои криминалистӣ ва таҳияи усулҳои самараноки мубориза бо экстремизмро ба миён меорад.

Дар матни таҳқиқот равиш ва усулҳои тафтиши ҷиноятҳо бо истифодаи таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва донишҳои махсус муттаҳид шудаанд. Муаллиф равишҳои азназаргузаронӣ, кофтуков, пурсиш ва рӯбарӯкунӣ, ҳамчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти муфаттишон бо воҳидҳои оперативӣ ва истифодаи экспертизаҳои судиро таҳлил кардааст. Истифодаи чунин усулҳо ба баланд бардоштани самаранокии тафтиши парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ заминаи воқеӣ фароҳам меорад.

Натиҷаҳои таҳқиқ дорои навгониҳои назариявӣ ва методологӣ мебошанд. Муаллиф таҳлили комплексии ҷиноятҳо, таҳлили субъект ва тарзи содиршавии ҷиноят ва ҳамоҳангсозии усулҳои тафтиши ҷиноятро пешниҳод кардааст. Ин навгониҳо ба таҳкими илми криминалистика ва такмил додани усулҳои тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мусоидат мекунанд.

Эътимоднокии натиҷаҳо бо истифодаи манбаъҳои гуногун – аз ҷумла адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – таъмин шудааст. Усулҳои таҳлил, синтез, муқоиса ва экспертизаҳои судӣ саҳеҳии хулосаҳо ва тавсияҳоро таъмин мекунанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Хуб мешуд дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда, технологияи истифодабарии техникаи муосири криминалистикӣ бо мақсади тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мавриди таҳқиқоти мустақим қарор гирифта мешуд, ки ин барои боз ҳам мукамалгардонидани навгонии илмӣ таъсири мусбат мерасонд.

Хулоса, диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Давлатзода К.Д.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов, 36, хонаи 1
E.mail: komron231823@gmail.com
Тел: корӣ 221-06-10
Мобилӣ 93-823-18-23

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.
«02» апрел 2026

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42. Тел.: +992 (37) 223-06-10;
Email: dushanbe80@yahoo.com